Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Холов Тоҷиддин Азизулоевич дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар адабиёти иқтисодӣ ба масъалаи баррасии ҳамаҷонибаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда таваҷҷуҳи нокифоя дода мешавад. Ба андешаи диссертант, таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккули сармоягузорӣ, таснифоти маҷмуи онҳо бо мақсади аниқ кардани мазмуни иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои рушд ва такмили он аҳаммияти баланд дорад.

Муаллиф қайд намудааст, ки яке аз мушкилоти асосии кишоварзии обёришаванда ин қарздории зиёди истифодабарандагони об аз идораҳои зертобеи Раёсати беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Хатлон мебошад, ки айни замон аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Дӯстӣ, Ҷайҳун, Ёвон, Шаҳритус, Носири Хусрав бинобар вазъи ноустувори иқтисодии худ имкони пардохти кофии хизматрасонии обтаъминкуниро дар назди идораи мазкур надоранд (С.12).

Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда ва вазифаҳои онро иҷро намудааст. Муаллиф муайян намудааст, ки сабаби асосии коҳиш ёфтани банақшагирӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон дар он аст, ки агар аз соли 2015 то соли 2018 заминҳои вилоят аз ҳисоби се сарчашма, яъне буҷети маҳаллӣ, ҳаққи хизматрасонӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ татбиқ мешуд, ҳамин нишондод дар соли 2020 аз ду сарчашма - буҷети маҳаллӣ ва ҳаққи хизматрасонӣ татбиқ гардида истодааст (13).

Ҳамзамон, муаллиф роҳҳои такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон, ки зарурати рушди он боиси таҳкими самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар пешравии кишоварзии обёришаванда мегардад, пешниҳод намудааст (19)

Ҷиҳатҳои мусбати зикршудаи автореферат ба мо имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки таҳқиқоти диссертатсионии Холов Т.А. таҳқиқоти мустақили дар сатҳи баланд таълифгардида мебошад.

Дар айни ҳол мо оид ба автореферат баъзе эродҳо ҳам дорем:

1. Хуб мешуд, ки таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар намуди ҷадвал ё расм тасвир, менамуд.

Эроди мазкур баҳои мусбати кори иҷрошударо қадре ҳам паст намекунад, зеро натиҷаҳои илмии ба дастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳамияти амалии мундариҷаи рисоларо дарак медиҳад.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбати таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодаванда бахри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Холов Тоҷиддин Азизуллоевич шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ бо ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисод, профессори
кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Т.Т.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе ул. Саид Носир, 33
Телефон: +992 (37) 224-17-86
Факс:(37) 224-17-86; E-mail: info@apa.tj

Имзои Набиев Т.Т.-ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.